# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 08 соли 2025 №282/ди ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани диссертатсияи Мадалиева З. В.

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Мадалиева Зарина Восидҷоновна дар мавзуи «Мукаммалгардонии тарҳрезии либоси эргономикии шаклӣ барои кӯдакони синни мактабии хурдсол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.19.04 - Технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ бозхонд карда шавад.
2. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (аз 08.04.2025) дар бораи додани дараҷаи илмӣ рад карда шавад.
3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Мадалиева З. В. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар мӯҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-050 дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаби дараҷаи илмӣ Мадалиева Зарина Восидҷоновна аз 04.08.2025, №02-04/114 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

Муовини раис КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ Шарифзода М. М.